# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Дар раванди ноил шудан ба самаранокӣ ва сифати таълим иттилоотикунонии ҷомеа яке аз мушкилоти калидии ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Амалисозии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилот қадами муҳим дар рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Дар раванди рушди ҷомеаи иттилоотӣ арзиши калидиро мушкилоти алоқаманд ба ташкили ҷараёни таълим ба даст мегирад. Инсон имрӯз на танҳо ба малакаҳои амалӣ ва донишҳои назариявии нав, балки ба тавоноии беҳсозии доимии ин дониш ва малакаҳо зарурат дорад. Ба таври дигар, инсониятро азхудкунӣ ва ба ҳар роҳ рушд додани фарҳанги омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт зарур аст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ боиси рафъи монеаҳои синусолӣ, замонӣ ва фазоӣ гашта, ба ҳар як кас имконияти омӯзишро дар тамоми давраи ҳаёт медиҳад. Дар омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон, тавассути навсозии равандҳои педагогӣ ба назар мерасад. Ҷомеаи муосир дар марҳилаи рушди иттилоотӣ қарор дорад. Хусусияти асосии ин марҳила истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир мебошад.

Дар ин росто, муаллифи диссертатсия хеле дуруст ва бомаврид таъкид кадааст, ки: «Аҳамияти таҳқиқи қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар ҳалли мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ ифода меёбад, ки ба рушди эҷодӣ ва истифодаи ғайристандартии донишҳо мусоидат мекунанд. Ин донишҳо метавонанд беҳтарин роҳро барои ҳалли мушкилоти гуногуни касбӣ ва рӯзмарра пайдо намоянд. Бо такя ба зиддиятҳои ошкоршуда, мушкили таҳқиқот муайян гардид, ки он

дар набудани таҳқиқотҳои илмӣ дар заминаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯиву эҷодӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мешавад».

Довталаби дараҷаи илмӣ Файзалии Мирзоалӣ бо таҳлили адабиёти зиёди психологӣ-педагогӣ дар бораи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии хонандагон ва истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз ҷониби омӯзгорон, бо мақсади асоснок намудани раванди иттилоотикунонии таҳсил ҳамчун самти асосии навсозӣ дар таҳсилот мавзӯи таҳқиқоташро «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» муайян кардааст, ки муҳим ва талаботи замон аст.

Андешаву мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ»-ро, ки унвонҷӯ Файзалии Мирзоалӣ барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, дар айни замон яке аз масоили муҳим ва мубрами таҳсилоти муосир маҳсуб меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, зарурияти таҳқиқи масоили асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз мубрамӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ доштани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Файзалии Мирзоалӣ далолат мекунад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 24.10.2024, №11).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 1. - Асосҳои методӣ ва мавориди танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ, қонуниятҳо, усули таҳсилоти касбӣ, асосноккунӣ ва татбиқи консепсияҳо ва низомҳои омодасозии касбии мутахассисон; банди 2. - Назария ва методикаи равандҳои таҳсилот дар соҳаи омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон; банди 3. - Такмили сохтори омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар шароити таҳсилоти олӣ ва миёна; банди 5. - Инкишоф додани методҳо, воситаҳо, методикаҳо ва технологияҳои омодагии касбии мутахассисон; банди 7. - Назария ва методикаи мониторинги сифати таҳсилоти касбӣ, муайян намудани равишҳо ва меъёрҳои арзёбии он; дар ҳамаи сатҳҳо асоснок намудани усул методҳо ва технологияҳои идоракунии сифати таҳсилот; банди 9. - Муттасилии ҳадафҳо, муҳтаво, шаклҳо, методҳо дар системаи таҳсилоти касбӣ мутобиқат мекунад.

3. Қобили зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таткиқотии унвонҷӯй Файзалии Мирзоалӣ дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогика ва конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф муҳокима ва мавриди тасвиб қарор дода шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 29 интишороти муаллиф, ки 8 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 21 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

4. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи қабул кардани диссертатсияро ба шурои диссертатсинӣ ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи унвонҷӯй Файзалии Мирзоалӣ тавсия медиҳад, ки:

а) диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубабдуллоҳи Рӯдакӣ;**

в) ба сифати муқарризони расмӣ: **Файзализода Бахрулло,** доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Аҳмадзода Бунафша Саймузафар**, номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Файзалии Мирзоалиро дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Файзалии Мирзоалӣ дар мавуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ - эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Аҳмадзода Бунафша Саймузафар** – номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абубабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — Иззатова М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.Б.

номзади илмҳои педагогӣ — Каримзода Ш.

10.03.2025

*"Имзои М. Иззатова, М. Каримзода ва Ш. Каримзодаро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* — *М. Саидова*

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН. РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА. ШӮЪБАИ КАДРҲО. ОТДЕЛ КАДРОВ